**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и.,
дотсент __________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«__» ______ 11 ______ с.2022

## НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №4 - и

ҷаласаи кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз 26 ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Раисикунанда:** Қараев Рустам Худоярович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти биржавии ДДМИТ

**Котиб:** Хоҷаев Б.Б., номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** *д.и.и., профессор Раҳимзода Ш., н.и.и., профессор Бегматов А., д.и.и., профессор Кошонова М., д.и.и., профессор Хайрзода Ш.Қ., н.и.и., дотсент Сафаров Б. Г., н.и.и., профессор Насриддинов Ф.Б., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Шоасалов Н.Қ., н.и.и., Сафаров Қ.С., н.и.и., дотсент Убайдов Ф., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Хоҷахонов А.М., н.и.и., Сафаров А.И., н.и.и., дотсент Ғафуров Ғ.С., н.и.и., н.и.и., дотсент Нурализода А.Н, н.и.и., муаллими калон Хоҷаев Б.Б.,муаллимони калон., Махмадкаримов Х.Ш., Раҳимова А.В., Азизқулов Б., Ахмедов Х., Латипова Г.С., Сафаров И., Ҷумаев И.К., Ҷиҳонеова З.А., Дембегиев М.С., Аъзамова Т., Валиев А.Т., Солиев Н.*

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**Муҳокимаи ошкорои диссертатсияи** Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич бо хоҳиши гирифтани розигӣ дар мавзуи « Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодї аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз пешкаш гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ**

**Шунида шуд:** Вобаста ба муқарраротҳои муҳими диссертатсия унвонҷӯ баромад намуд. Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич баромад намуда, дар бораи сохтор, мазмун ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда ва масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, қайд намуд, ки Дар

давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёби равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ як сохтори марказонидашудаи бахши институҳои молиявӣ буда дар ҷаъмкуни тақсим ва аз навтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳоро дар сатҳи ҷомеа ташакили дурусти муомилоти пулӣ байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконотҳои мавҷуда ташкил намуда тавассути бонкҳо пайдарпайи ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад. Таҷриба ва таҳаввулотҳои солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта ҳамчун омили асосии қонеъ гардонидани талабот да ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавасути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мероасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Баъди барҳам хурдани ҳукумати шӯравӣ соли 1991 дар дар баробари дигар самтҳои муҳими иқтисодии давлат дар соҳаи низоми бонкии кишвар як саҳифаи ҷадиди барқароршавии ин низомро дар шакли ҷадид оғози тоза бахшид. Дар давоми 5 сол шумораи бонҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ бамаротиб дар ҳоли муфлисшавӣ қарор гирифта аз 134 адади соли 2015 ба 71 адад дар соли 2021 расид, кизиёда аз 50%- ин шумораро ташкил медиҳад. Аммо, шумораи воқеии ташкилотҳои қарзии аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор хеле зиёд буд.

Аз ин хотир мо чунин тамоюлро дар сатҳи иқтисодиёти малакат яке аз муаммоҳои муҳими боздорандаи рушди иҷтимою иқтисодии давлат ҳисобида, роҳи ҳали ин масъаларо шарти воқеии таҳқиқоти илмии худ меҳисобем.

Дар рафти баррасии масъала аз ҷониби иштирокчиён ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд: д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Умаров Ҳ., н.и.и., профессор Бегматов А.А., д.и.и., профессор Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Қараев Р.Х., н.и.и., Сафаров Қ.С., н.и.и., Хоҷаев Б.Б., ба саволҳои додашуда Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич ҷавобҳои мукаммал ва илман асоснок дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.и., профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ тақризи ба рисолаи диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич навиштаи худро ироа намуда, рисолаи мазкурро ҳамчун кори анҷомёфта ба муҳокимаи навбатӣ тавсия дод.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Умаров Ҳ., н.и.и., профессор Бегматов А.А., ва н.и.и., муаллими калон Хоҷаев Б.Б., баромад намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар тадқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, аз ҷумла, 2-васоити таълимӣ, зиёда аз 10 адад мақолаҳои илмӣ ва иштирокчии як қатор конференсияву семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Дар доираи мавзуъ муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки муақарароти диссертатсияро инъикос менамояд баромад намуданд.

Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади роҳбари илмӣ ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз, боназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба Шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад;

3. Барои тасдиқи қарори Ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкӣ дархост пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Протоколи №4 аз “26” ноябри соли 2022 қабул гардидааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: “тарафдор”-14 нафар; “зид” – нест; “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи фаъолияти биржавӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қараев Р.Х.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони
кафедраи фаъолияти бонкӣ Хоҷаев Б.Б.

**Имзоҳои Қараев Р.Х. ва Ҳоҷаев Б.Б.,-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ